«Тасдиқ мекунам”
Ректори МТҒ “Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”
н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз “22” 01 2024, № 8

# НИЗОМНОМАИ

## тартиб ва шартҳои баҳогузории рейтингии фаъолияти ҳайати професcорону омӯзгорони Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”

### 1.Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур бо мақсади муайян кардани сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон (мудирони кафедраҳо, профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон), дар Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”, ки дар вазифаи вазифаи кормандони доимӣ ва ҳамкори дохилӣ фаъолият менамоянд, дар асоси талаботҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи ихтироъ», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

Мақсади ниҳоии низоми баҳодиҳии рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон (мудирони кафедраҳо, профессорон, дотсентон, саромӯзгорон ва ассистентон) ин баланд бардоштани самаранокии кор ва рақобатпазирии коллективи илмӣ-омӯзгории Донишкада ва беҳтаркунии сифати тайёркунии кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад.

1.2. Асоси меъёрии ҳуқуқӣ барои баҳогузории сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон талаботи тахассусии онҳо, инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мебошад, ки сифат ва сатҳи кору фаъолияти онҳоро муайян мекунад.

### 2. Баҳогузории сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон

2.1. Баҳогузории рейтингӣ барои баландбардории самаранокии фаъолияти Донишкада ва сохторҳои он оид ба амалигардонии барномаҳои касбии таълимию методӣ, тарбиявӣ ва корҳои илмӣ-иноватсионӣ ба роҳ монда мешавад.

2.2.Баҳогузории рейтингии сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон чунин амалӣ карда мешавад:

- ҳамасола аз ҷониби кафедра пешниҳодӣи натиҷаҳои ҷамъбасти иҷрои нақшаи инфиродии омӯзгор;

Сканировано с CamScanner

- ҳангоми ба вазифа интихоб шудани омӯзгор, пеш аз бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ.

2.3.Вазифаҳои асосии баҳодиҳии рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони Донишкада инҳо мебошанд:

- ҷорӣ кардани меъёрҳои ягона, барои баҳодиҳӣ ва назорати сифати таълим ва самаранокии кори омӯзгор;
- муайян намудани ҳолати ҷорӣ ва сифати кори педагогӣ ва сатҳи кори илмӣ-тадқиқотӣ;
- ҳавасмандгардонии шаклҳои фаъолияте, ки ба баландшавии рейтинги кафедраҳо, факултетҳо ва Донишкада мусоидат мекунанд;
- баландбардории ҳавасмандии ҳайати профессорону омӯзгорон баҳри беҳдошти сифати фаъолияти таълимӣ, тахассусӣ ва касбӣ;
- инкишофи ташаббуси эҷодии ҳайати профессорону омӯзгорон, маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, методӣ ва омӯзгории онҳо;
- баҳои тафриқавӣ ба фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон бо мақсади дастгирии аъзои фаъоли коллектив;
- беҳдошти сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ дар сатҳи Донишкада.

2.4. Ҳуҷҷати асосие, ки натиҷаҳои баҳогузории кор ва фаъолияти омӯзгорро инъикос менамояд, хулосаи кафедра мебошад, ки аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи ҳисоботи хаттии омӯзгор дар ҷаласаи кафедра тартиб дода шуда, аз ҷониби мудири кафедра имзо карда шудааст. Дар хулоса натиҷаи кори таълимӣ, таълимӣ-тарбиявии берун аз дарс, таълимӣ-методӣ (тайёрӣ ва интишори китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, нишондодҳои методӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои методӣ ва ғ.), баландбардории ихтисоснокии илмӣ-педагогӣ, илмӣ-иноватсионӣ ташкилӣ-идоракунӣ ва ҷамъиятӣ низ нишон дода мешавад.

2.5. Ҳангоми баҳогузории рейтингии сифати кор ҳуқуқи омӯзгор оид ба озодии интихоб ва истифодаи методикаи таълим ва тарбия, воситаҳои таълимӣ, маводи дидактикӣ, китобҳои дарсӣ ва методҳои баҳогузории сатҳи дониш ва маҳорати касбии донишҷӯён ба ҳисоб гирифта мешавад.

2.6. Дар натиҷаи муҳокимаи кору фаъолияти омӯзгор кафедра оид ба натиҷаи иҷрои нақшаи инфиродӣ дар соли таҳсили сипаригашта, салоҳиятнокии касбӣ, муносибат нисбат ба кори онҳо қарорҳо қабул менамояд.

2.7. Қарор ва тавсияҳои кафедра дар муҳлати то як моҳ дар Шурои олимони факултет баррасӣ мешавад.

2.8. Агар омӯзгор бо қарори кафедра розӣ набошад, комиссияи нав аз ҷониби Шурои олимони факултет ташкил карда мешавад ва масъалаи мазкурро аз нав дида мебароянд.

## 3.Тартиби кори комиссия оид ба баҳогузории сифати кори ҳайати профессорон ва омӯзгорон, интихоби ҳайати он ва тартиби қабули қарорҳо

3.1. Барои баҳогузории рейтингии сифати кори омӯзгор дар ҳар як

Сканировано с CamScanner

факултет комиссия оид ба баҳогузории рейтингии сифати кори ҳайати профессорон ва омӯзгорон дар ҳайати муовинони декан оид ба илм, намояндагони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ ва ташкилоти иттифоқи касаба ташкил карда мешавад. Раиси комиссия, ҷонишини вай ва котиб аз ҷониби аъзои комиссия дар ҷаласаи ташкилӣ бо овоздиҳии аксарият интихоб мегарданд.

3.2.Ҳайати расмии комиссия бо амри декани факултет тасдиқ карда мешавад. Намояндагони кафедраҳои факултет ба ҳайати комиссия аз рӯи пешниҳод ва тавсияи кафедраҳо ворид карда мешаванд. Намояндаи ташкилоти иттифоқи касаба ба ҳайати комиссия дар асоси қарори Кумитаи иттифоқи касабаи устодону кормандони Донишкада ворид карда мешавад.

3.3. Қабл аз баргузории кори комиссия омӯзгоре, ки кору фаъолияти ӯ баррасӣ мегардад, даъват карда шуда, комиссия ба дарсҳои ӯ медароянд ва дар ҳамин замина ҳуҷҷатҳои зарурие, ки барои баҳогузории сифати кори омӯзгор ҳатмӣ мебошанд, ҷамъоварӣ мегардад.

3.4. Комиссия ҳуқуқ дорад, ки ғайр аз амалиёти пешбинигардида, дар байни донишҷӯёне, ки дар семестри гузашта аз ин омӯзгор таълим мегирифтанд, пурсиш гузаронад ва донишҳои онҳоро санҷад.

3.5. Омӯзгоре, ки фаъолияти ӯ аз ҷониби комиссия аз нуқтаи назари тавсифи сифатнокӣ баҳогузорӣ карда мешавад, ба таври хаттӣ дар ин бора дар муҳлати на дертар аз 1 моҳ то оғози муҳокимаи ин масъала аз ҷониби комиссия хабардор карда мешавад.

3.6.Бо маводи зикргардида омӯзгор бояд на дертар аз ду ҳафта то оғози ҷаласаи комиссия оид ба ҳалли масъалаи сифати фаъолияти ӯ бояд шинос гардад. На дертар аз 3 рӯз баъди огоҳ намудани омӯзгор оид ба баҳогузории сифати кори ӯ аз ҷониби комиссия намояндаҳо таъин карда мешаванд, ки дар муҳлати на кам аз 2 ҳафта то оғози муҳокима ва қабули қарор, дар машғулиятҳои омӯзгор иштирок менамояд ва дар байни донишҷӯён пурсишҳо мегузаронанд.

3.7. Барои баҳогузории рейтингии сифати кори омӯзгори калон комиссия, инчунин, маводи методӣ, коркардҳо, воситаҳои таълимии ӯро (барои дотсент, профессор-воситаҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва дигар шаклҳои таҳқиқоти илмӣ) истифода мебарад, ки ҳангоми пешниҳоди қарор ба инобат гирифта мешаванд.

3.8.Омӯзгор ҳуқуқ дорад ба комиссия барои баҳогузории рейтингии фаъолияти худ ҳамагуна ҳуҷҷатҳои иловагиро, ки тахассуснокӣ ва салоҳиятнокии ӯро тасдиқ менамоянд, пешниҳод созад.

3.9. Ба омӯзгоре, ки фаъолияти ӯ аз ҷониби комиссия баҳогузорӣ мешавад, мудири кафедра пешниҳод тайёр менамояд, ки дар он баҳогузории ҳаматарафаи салоҳиятнокии касбии омузгор, муносибати ӯ ба кор ва иҷрои ӯҳдадориҳои хидматӣ, натиҷаҳои фаъолият дар соли таҳсили фарорасида баррасӣ мегардад.

3.10. Ҷаласаи комиссия он вақт ҳукми қонунӣ мегирад, ки дар он на кам аз 2/3 ҳиссаи аъзои он иштирок намоянд. Бе намояндаи иттифоқи

Сканировано с CamScanner

касаба баргузории ҷаласаи комиссия қабул карда намешавад.

3.11. Бо дархости хаттии омӯзгор комиссия ҳуқуқ дорад, дар ҳолати ҳозир набудани ӯ қарор қабул намояд. Дар сурати бесабаб иштирок накардан дар ҷаласаи якум ва 2-юм комиссия ҳуқуқ дорад, ки хулосаҳои худро дар шакли қарор қабул намояд.

3.12. Комиссия ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро дида баромада, фикру мулоҳизаҳои омӯзгорро мешунавад. Муҳокима бояд объективона гузарад.

3.13. Комиссия бо бартарияти овоздиҳии зиёди аъзои комиссия, ки дар ҷаласа иштирок кардаанд, қарор қабул менамояд. Ҳар як аъзои комиссия, ки бо қарори шумораи зиёди аъзо розӣ нест, ҳуқуқ дорад, ки фикру мулоҳизаҳои худро иброз намояд ва он ба қарори ҷаласаи комиссия замима карда мешавад.

3.14. Дар қарори ҷаласаи комиссия ҳамаи аъзои комиссия, ки дар ҷаласа иштирок намудаанд, имзо мекунанд.

3.15. Нусхаи қарори комиссия ба омӯзгор ва инчунин ба Ректори Донишкада барои маълумот дар муҳлати то 3 рӯз баъди қабули қарор пешниҳод карда мешавад.

## 4. Баҳогузории натиҷаҳои кори комиссия ва қабули қарор

4.1. Аз рӯи натиҷаҳои кори комиссия Ректори Донишкада ҳуқуқ дорад, ки омӯзгорро аз кор озод намояд, ба кори дигар гузаронад ва ё барои идомаи фаъолияташ дар ҳамон вазифа иҷозат диҳад.

4.2. Розигии омӯзгор барои гузаштан ба вазифаи дигар, кори дигар ва ё ба дигар қисмати сохтории факултет ва ё Донишкада аз рӯи натиҷаҳои баҳогузории сифати фаъолияти ӯ бояд дар шакли хаттӣ аз ҷониби маъмурият гирифта шавад.

4.3. Баъди имзои фармон аз ҷониби Ректори Донишкада он ба Шуъбаи кадрҳо ирсол гардида, ба парвандаи шахсии омӯзгор гузошта мешавад.

4.4. Аз болои фармоиши Ректори Донишкада дар бораи аз кор озод намудан, корманд метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба суд муроҷиат намояд.

## 5. Натиҷаҳои баҳогузории рейтинги фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон

5.1. Баҳогузории рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони Донишкада имконият медиҳад, ки ба фаъолияти ҳар як омӯзгор дар соли сипаришуда, мувофиқи критерияҳои баҳодиҳии рейтингӣ, аз рӯи (замимаи 1 ва 2) баҳои воқеӣ гузошта шавад, ҳамзамон ба омӯзгор шароит фароҳам меояд, ки ҷиҳатҳои манфии кори худро муайян намояд ва вобаста ба ин фаъолияташро барои соли оянда дуруст ба нақша гирад.

5.3. Баҳои рейтингиро ҳангоми гузаронидани интихоби озмуни довталабон барои ишғоли вазифаҳои холӣ ва таъини иловапулиҳои

Сканировано с CamScanner

ҳавасмандгардонӣ ба музди меҳнат метавонад раёсати донишкада истифода намояд.

5.2. Чунин тарзи баҳогузорӣ ба кӯшишу ғайратӣ омӯзгорон, барои баландбардории дараҷаи тахассусӣ-илмӣ, касбият ва маҳорати омӯзгорӣ таъсири мусбат расонида, дар навбати худ ба баландшавии сифати тайёр намудани мутахассисон ва баландравии рейтингӣ Донишкада мусоидат мекунад.

**6. Мариди амал қарор гирифтан ва қатъ гардидани Низомнома**

6.1. Низомномаи мазкур пас аз тасдиқ шуданаш дар Шурои олимон тибқи фармоиши Ректори Донишкада мариди амал қарор дода мешавад.

6.2. Амали Низомномаи мазкур дар чунин ҳолатҳо қатъ мегардад:

- бо қарори Шурои олимони Донишкада;
- қабул кардани Низомномаи нав.

Бо қарори Шурои олимони Муассисаи
таълимии ғайридавлатии
“Доншкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”
аз 28 феврали с. 2024, №8-2-7 тасдиқ

Сканировано с CamScanner

**Замимаи 1**

# Нишондодҳои ҳисоби баҳои рейтингии ҳайати профессорон ва омӯзгорони Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"

| № р/т | Нишододҳо барои ҳисоби баҳои рейтингӣ | Хол | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Академики Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15 | |
| 2 | Профессор, доктори илм | 10 | |
| 3 | Профессор, номзади илм | 8 | |
| 4 | Дотсент, доктори илм | 7 | |
| 5 | Дотсент, номзади илм | 6 | |
| 6 | Муаллими калон, номзади илм | 5 | |
| 7 | Муаллими калон | 3 | |
| 8 | Ассистент (омӯзгор) | 2 | |
| 9 | Узви академияи байналмиллалӣ | 10 | |
| '0 | Узви академияи соҳавӣ | 8 | |
| 11 | Аъзои академияи ҷомеъашиносӣ | 6 | |
| 12 | Ходими шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоникистон | 10 | |
| 13 | Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8 | |
| 14 | Короманди шоистаи соҳавӣ | 6 | |
| 15 | Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 | |
| 16 | Лауреати мукофотҳои байналмиллалӣ | 15 | |
| 17 | Лауреати мукофотҳои давлатӣ | 10 | |
| 18 | Профессори фахрии донишгоҳи ҳориҷӣ | 10 | |
| 19 | Поофессори фахрии донишгоҳи ҷумҳуриявӣ | 8 | |
| 20 | Ректори Донишкада | 15 | |
| 21 | Ноиби ректори Донишкада | 10 | |
| 22 | Роҳбари шӯъба, марказ ва бахши Донишкада | 8 | |
| 23 | Декани факултет | 6 | |
| 24 | Ҷонишини декани факултет | 3 | |
| 25 | Мудири кафедра | 5 | |
| 26 | Раиси шурои диссертатсионӣ | 15 | |
| 27 | Ҷониши раиси шӯрои диссертатсионӣ | 10 | |
| 28 | Котиби шӯрои диссертатсионӣ | 9 | |
| 29 | Узви шурои диссертатсионӣ | 8 | |
| 30 | Аъзои Шурои олимони Донишкада | 7 | |
| 31 | Котиби Шурои олимони Донишкада | 7,5 | |
| 32 | Узви шурои методии Донишкада | 15 | |
| 33 | Узви шурои методии факултет | 10 | |
| 34 | Ҷарроҳи беҳтарин | | |
| 35 | Духтури беҳтарин:<br>А) Ҷарроҳи беҳтарин<br>Б) терапевтӣ беҳтарин<br>В) вирусологи беҳтарин<br>Г)Физиологӣ беҳтарин<br>Д)Стоматологи беҳтарин, дигар намуди духтурон | <br>10<br>10<br>10<br>10 | |

Сканировано с CamScanner

**Замимаи 2**

## Критерияҳои (ченаки) баҳодиҳии рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”

| р/т | Номгӯи корҳо | Ченак | Баҳо (балл) |
|---|---|---|---|
| 1 | **Корҳои таълимӣ** | | |
| 1.1 | Сарбории умумии устодон | соатҳо | |
| 1.2 | Натиҷаи дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён: | | |
| 1.2.1 | бо баҳои «аъло» | 1 донишҷуӣ | 0,3 |
| 1.2.2 | бо баҳои «хуб» | 1 донишҷуӣ | 0,2 |
| 1.2.3 | бо баҳои «миёна» | 1 донишҷуӣ | 0.1 |
| *2* | **Корҳои таълимию методӣ** | | |
| 2.1 | Китоби дарсии дар ШМТМД тасдиқшуда ё бо грифи ВМ ҶТ чоп шуда | 1 Ҷ-Ч. | 5 |
| 2.2. | Маҷмӯӣ таълимию методӣ бо иҷозати ШМТМД ҷопшуда | 1 Н-Ч. | 2 |
| 2.3 | Дастурҳои методӣ барои иҷрои корҳои лабораторӣ ва амалӣ, барои ташкили таҷрибаомузии истеҳсолӣ | 1 Ҷ.-Ч. | 1,5 |
| 2.4 | Навиштани китоби электронӣ | 1 CD | 5 |
| 2.5 | Сохтани стенди лабораторӣ ё истеҳсолӣ бо тасдиқи санади ШМТМД | 1 стенд | 10 |
| 3 | **Корҳои таълимию ташкилӣ** | | |
| 3.1 | Ташкили шартномаи ҳоҷагӣ бо маблағгузории ғайрибуҷавӣ (барои роҳбарон ва иҷрокунандагонӣ лоиҳа | 1 лоиҳа | 10 |
| 3.2 | Ташкили кабинет бо фанҳои таълимдодашавандаи устодон | 1 синф | 10 |
| 3.3 | Ташкил ва гузаронидани конфронсҳои илмӣ амалӣ дар Донишкада | 1 конф. | 5 |
| 3.4 | Дарсшикании омӯзгор (дар сурати бесабабҳои узрнок) | 1 дарсшиканӣ | -20 |
| 4 | **Корҳои тарбиявӣ ва варзишию оммавӣ** | | |
| 4.1 | Ташкили лоиҳаҳои мухтасар барои ҷалб намудан ба машғулиятҳои берун аз дарс, фаъолияти варзишию оммавӣ ва фарҳангию тарбиявӣ | 1 лоиҳа | 3 |
| 4.2 | Ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳо | 1 олимпиада | 2 |
| 4.3 | Ташкили рузҳои кафедра ва дигар чорабиниҳои Донишкада ва инчунин дар ҳобгоҳҳо (барои ташкилкунанда) | 1 чорабинӣ | 1 |
| 4.4 | Роҳбарии сексияҳои фарҳангию тарбиявии Донишкада | 1 сексия | 3 |
| 4.5 | Фаъолияти кураторӣ дар гурӯҳҳои академӣ | 1 гурӯҳ | 10 |
| 4.6 | Иштироки устодон дар чорабиниҳо, ҳашарҳо ва шанбегиҳо; | | |
| 4.6 - | Ҷумҳуриявӣ | 1 чорабинӣ | 5 |

Сканировано с CamScanner

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4.6.2 | шаҳрӣ | 1 чорабинӣ | 3 |
| 4.6.3 | дохилитаълимгоҳӣ | 1 чорабинӣ | 2 |
| 47 | Иштироки устодон дар спартакиадаҳо (мусобикаҳо)-и варзишӣ | | |
| 4.7.1 | ҷумҳуриявӣ | 1 мусобика | 5 |
| 4.7.2 | шаҳрӣ | 1 мусобиқа | 3 |
| 4.7.3 | дохилидонишкадавӣ | 1 мусобиқа | 2 |
| 5 | **Корҳои илмӣ-иноватсионӣ** | | |
| 5.1 | Монографияҳои нашршуда | | |
| 5.1.1 | монографияҳои дар нашриётҳои ҷумҳуриявӣ рӯи чоп омада | 1 Ҷ.Ч. | 2 |
| 5.1.2 | монографияи дар нашриётҳои хориҷи кишвар рӯи чоп омада | 1 Ҷ-Ч. | 4 |
| 5.2 | Мақолаҳои илмии нашршуда: | | |
| 5.2.1 | дар нашрияҳои байналмиллалӣ | 1 макола | 4 |
| 5.2.2 | дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ | 1 макола | 2 |
| 5.2.3 | Нашри фишурдаҳои баромадҳо дар конфронсҳо: | | |
| 5.3 | байналмиллалӣ | 1 баромад | 3 |
| 5.3.1 | минтақавӣ | 1 баромад | 2 |
| 5.3.2 | ҷумҳуриявӣ | 1 баромад | 1 |
| 5.3.3 | Экспонантҳо дар намоишгоҳҳо | | |
| 5.4 | байналмиллалӣ | 1 экс. | 15 |
| 5.4.1 | минтақавӣ | 1 экс. | 10 |
| 5.4.2 | ҷумҳуриявӣ | 1 экс. | 5 |
| 5.5 | Ташкили конфронсҳои илмӣ ва илмию методӣ (барои ташкилкунандаҳои конфронс) | | |
| 5.5.1 | байналмиллалӣ | 1 конфронс | 10 |
| 5.5.2 | минтақавӣ | 1 конфронс | 5 |
| 5.5.3 | ҷумҳуриявӣ | 1 конфронс | 5 |
| 5.6 | Таҳия маводҳои конфронсҳои илмӣ-иноватсионӣ ва илмию методӣ (барои муҳаррири масъулӣ маҷмуаи илмӣ): | | |
| 5.6.1 | байналмилалӣ | 1 конфронс | 5 |
| 5.6.2 | минтақавӣ | 1 конфронс | 4 |
| 5.6.3 | ҷумҳӯриявӣ | 1 конфронс | 3 |
| 5.7 | Роҳбарии аспирантон ва мушовири илмии докторантҳо: | | |
| 5.8 | Роҳбари аспирант: | 1 аспирант | 20 |
| 5.8.1 | Роҳбарии унвонҷӯ; | 1 унвонҷӯй | 15 |
| 5.8.2 | Роҳбарии коромӯз-тадқиқотчӣ | 1 кор-тадк | 10 |
| 5.8.3 | машваратчии илмии докторант ва ходими калони илмӣ | 1 док | 30 |
| 5.8.4 | Шумораи аспирантоне, ки соҳиби мукофот ё бурсияҳо (квота) ҳастанд: | | |
| 5.9 | байналмилалӣ | 1 аспирант | 4 |
| 5.9.1 | минтақавӣ | 1 аспирант | 2 |
| 5.9.2 | ҷумҳуриявӣ | 1 аспирант | 1 |
| 5.9.3 | Соҳибони мукофот ва ифтихорномаҳо аз рӯи кори илмӣ: | | |
| 5.10 | байналмилалӣ | 1 аспирант | 7 |
| 5.10.1 | минтақавӣ | 1 аспирант | 6 |
| 5.10.2 | ҷумҳуриявӣ | 1 аспирант | 5 |
| | | | |

Сканировано с CamScanner

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6 | **Фаъолияти ихтироъкорӣ** | | |
| 6.1 | Гирифтани патент | 1 патент | 5 |
| 6.1.1. | аз он ҷумла бо донишҷӯён | 1 патент | 7 |
| 6.1.2 | Нашри маълумоти патентӣ ё динар маълумоти илмию техникӣ дар варақаи иттилоотӣ | 1 варақа | 1 |
| 6.2.3. | аз он ҷумла бо донишҷӯён | 1 патент | 7 |
| 6.2.4. | Нашри маълумоти патентӣ ё динар маълумоти илмию техникӣ дар варақаи иттилоотӣ | 1 варақа | 1 |
| 7 | **Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-истеҳсолӣ** | | |
| 7.1 | Ҳаҷми корҳои илмию тадқиқотӣ: | | |
| 7.1.1 | барои роҳбар аз ҳаҷми умумии корҳои илмию тадқиқотӣ | хаз.сомони | 1 |
| 7.1.2 | барои иҷрокунандагон | хаз.сомони | 0,5 |
| 7.2 | Ҳаҷми корҳои илмию тадқиқоти шартномаҳои хоҷагӣ: | | |
| 7.2.1 | барои роҳбар аз ҳаҷмии корҳои илмию тадқиқотӣ | хоз.сомони | 2 |
| 7.2.2 | барои иҷрокунандагон | хаз.сомони | 1 |
| 7.3 | Ҷалб намудани донишҷӯён ба иҷроиши корҳои илмию тадқиқотии маблағгузор | 1 нафар | 0,5 |
| 8 | **Тайёр намудани таҳрир ва тақризҳо** | | |
| 8.1 | Ба китобҳои дарсӣ, монографияҳо, ва воситаҳои таълимӣ: | | |
| 8.1.1 | дар нашриётҳои тақризии Федератсияи Россия чопшуда | 1 китоб | 3 |
| 8.1.2 | дар нашриётҳои ҷумҳуриявии чопшуда | 1 китоб | 1,5 |
| 8.2 | Ба рисолаи докторӣ | 1 тақриз | 2 |
| 8.3 | Ба рисолаи номзадӣ | 1 тақриз | 1 |
| 8.4 | Ба мақолаи илмӣ | 1 тақриз | 0,5 |
| 9. | **Иштирок ва роҳбарии корҳои илмию тадқиқоти донишҷӯён (КИТД)** | | |
| 9.1 | Роҳбарии КИТД бо пешниҳоди баромадҳои донишҷӯёни Донишкада | | |
| 9.1.1 | то се баромад | баромад | 0,1 |
| 9.1.2 | аз чор то даҳ баромад | баромад | 0,25 |
| 9.1.3 | зиёда аз даҳ баромад | баромад | 1 |
| 9.2 | Пешниҳоди КИТД ба намоишгоҳҳо: | | |
| 9.2.1 | дохили Донишкада | 1 кор | 3 |
| 9.2.2 | ҷумҳуриявӣ | 1 кор | 4 |
| 9.2.3 | байналмилалӣ | 1 кор | 6 |
| 9.2.4 | агар КИТД дар намоишгоҳҳо мукофонида шаванд, он гоҳ балли онҳо ба коэффитсивти дар поён нишондода зарб мешаванд: | | |
| 9.2.4.1 | барои дипломи дараҷаи 1 | | 3 |
| 9.2.4.3 | барои дипломи дараҷаи 2 | | 2 |

Сканировано с CamScanner

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9.2.4.3 | барои дипломи дараҷаи 3 | | 1 |
| 9.3 | Пешниҳоди кори тадқиқотии дипломӣ аз тарафи донишҷӯ | 1 кор | 2 |
| 10 | **Ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ** | | |
| 10.1 | Ҳимояи рисолаи номзадӣ: | | |
| 10.1.1 | барои унвонҷӯй | | 20 |
| 10.1.2 | барои роҳбар | | 20 |
| 10.2 | Ҳимояи рисолдаи докторӣ | | |
| 10.2.1 | барои унвонҷӯй | | 50 |
| 10.2.2 | барои мушовир | | 50 |
| 11 | **Фаъолияти байналмилалӣ** | | |
| 11.1 | Ҳамкории муштараки лоиҳаҳои илмӣ-иноватсионӣ ва техникӣ | | |
| 11.1.1 | бе маблағгузорӣ | 1 лоиҳа | 5 |
| 11.1.2 | бо маблағгузорӣ | 1 лоиҳа | 10 |
| | **Бали (баҳои) умумӣ** | | |

**Эзоҳ:** Дар банди 1.1.- х, ҳамчун тақсимкунандаи сарбории умумии устодон, нисбат ба сарбории меъёрӣ мувофиқи вазифаи ишғолкардашуда, муайян карда шавад.

Сканировано с CamScanner